**Тақриз**

ба рисолаи илмии Аминзода Зебо Махмадризо дар мавзӯи «Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар минтақаи Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо ва комплексҳои КАС ва хоҷагии қишлоқ)

Дар доираи татбиқи Барномаи давлатии «Таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Точикистон» масъалаҳои беҳтар намудани самаранокии соҳаи кишоварзӣ ҳам дар маҷмӯъ ва ҳам дар соҳаҳои алоҳидаи он муҳимияти махсус пайдо менамоянд. Танҳо бо таъмини фаъолияти самаранок, истифодаи оқилонаи маблағҳои аз буҷаҳои давлатӣ ба бахши кишоварзӣ равонагардида, метавон бӯҳронро бартараф намуд.

Баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ пеш аз ҳама бо омилҳои зиёди табиӣ, биологӣ, технологӣ ва ташкилӣ-иқтисодӣ таъмин карда мешавад. Азхудкунии технологияҳои сарфаи захираҳо, истифодабарии технологияҳои инноватсинӣ дар ҳамаи марҳилаҳо имконият медиҳад, ки афзоиши ҳосилнокии зироатҳои ғалладонагӣ бо хароҷотҳои камтарини меҳнатӣ, моддӣ ва молиявӣ таъмин карда шавад.

Мураккабии муаммои муайян кардани самаранокии иқтисодӣ пеш аз ҳама дар он зуҳур мeёбад, ки як намуди захираҳо дар истеҳсолоти якчанд намудҳои маҳсулот метавонанд истифода гарданд. Дар як вақт истеҳсоли ин ё он намуди неъматҳои моддӣ дар асоси як ё якчанд намуди захираҳо имконпазир аст, яъне якчанд муқобилҳо (алтернативаҳо) ба миён меоянд, ки дар ҳалли масъалаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, андозаи миқдории он ба эътибор гирифта мешаванд. Ҳалли ин масъалаҳо ба ҷодаи имкониятҳои истеҳсолӣ аз як ҷониб ва аз ҷониби дигар аз хоҳиши истеҳсоли маҳсулот вобаста мебошанд, яъне ба манфиатҳои истеъмолкунандагоне, ки ба низоми ягонаи истеҳсолот ва истеъмоли маҳсулот алоқа доранд, нигаронида шудаанд.

Самаранокӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ баррасӣ шуда, натиҷаҳои фаъолиятро аз нуктаи назари мутобиқати онҳо ба манфиатҳои ҷамъиятӣ оид ба рушди минбаъдаи қувваҳои истеҳсолӣ ва муносибатҳои истеҳсолӣ муайян менамояд ва дараҷаи ноил шудан ба ин ҳадафро инъикос менамояд. Дар робита ба соҳаи кишоварзӣ, самаранокиро бояд ҳамчун натиҷаи истифодаи оқилонаи захираҳое, ки барои баланд бардоштани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба маҳсулоти ғизоӣ ва саноатро бо ашёи хом нигаронида шудаанд, баррасӣ карда мешавад. То ҳол аз тарафи олимони ватанӣ таҳқиқотҳо оид ба истеҳсоли навҳои серҳосили ғалладонагӣ, истифодаи технологияи инноватсионӣ дар соҳа, муайянкунӣ андозаи хоҷагиҳои ғаллакор, ҷустуҷуи роҳҳои самаранокии истеҳсоли ғалладонагӣ дар минтақа ва дигар муамоҳо роҳи ҳалли худро наёфтаанд.

Гуфтаҳои дар боло қайдшуда муҳимият ва зарурияти диссертатсияро асоснок намуда, арзиши илмӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқотро муайян менамоянд.

Таваҷҷуҳ ба масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсоли ғаладона дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ боз ҳам густариш ёфтааст. Тағйирёбии шароитҳои иқтисодӣ мукаммалгардонии усулҳои истеҳсолӣ ва арзёбии самаранокиро талаб менамояд. Масъалаҳои мазкур ҳам аз ҷониби олимону коршиносони хориҷӣ ва ҳам аз ҷониби олимони ватанӣ омӯхта шуда истодаанд.

Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз гузаронидани тадқиқотҳои зиёд, як қатор масъалаҳо ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладона дар шароити муосир муҳим боқӣ мемонад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мураккабии муносибатҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ҷой доштаанд, аз мукаммалгардонии усулҳо ва назарияҳои нави омӯзиши масъалаҳои мазкур дарак медиҳанд ва дар ин асос маҷмӯи тавсияҳоро оид ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти аграрӣ, аз он ҷумла соҳаи ғаллапарвариро талаб менамояд.

Истеҳсоли ғалладона дар байни дигар бахшҳои соҳаи кишоварзӣ

ҷои махсусро ишғол менамояд. Истеъмоли нон ва маҳсулотҳои нонӣ дар минтақаи Ҳисор дар соли 2018 ба ҳар сари аҳолӣ 162 кг ташкил намуд. Ин аз меъёри илмии асоснокгардида 10 % зиёдтар мебошад. Бевосита аз ҳисоби маҳсулотҳои коркардшудаи ғалладонагӣ (нон, орд, ғалладонагиҳо) аҳолӣ тақрибан 40% ғизонокии умумии истеъмолиро, қариб 50% талабот ба сафеда ва 60% талабот ба карбогидратҳоро доранд.

Дар диссертатсия роҳҳои асосии дастгирии давлатии соҳаи галлапарварӣ, идоракунии истеҳсол, коркард ва фуруши ғалладонагиҳо инъикос карда шудаанд. Ин асоснокуниҳо имкон медиҳад, самаранокии истеҳсолот на танҳо дар минтақаи Ҳисор, балки дар тамоми ҷумҳурӣ баланд бардошта шавад.

Диссертант дар доираи вазифаҳои гузошташудааш дар асоси омӯзиши тадқиқотҳои дар ин самт гузарондаи олимони иқтисоддони бахши аграрӣ кӯшиш намудааст то андозае роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳоро ошкор намуда, аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот ба хулосаҳои назаррас ояд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои он амиқтар гардидани асосҳои назариявӣ ва методологии самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо имконият медиҳанд ва самтҳои асосии баланд бардоштани самранокии истеҳсолот ошкор карда мешаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбасти илмию амалии таҳқиқоти муаллиф оид ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми тавсияи пешниҳодҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар сатҳои гуногуни КАС истифода намудан мумкин аст. Баъзе аз тавсияҳоро оид ба такмили сармягузории соҳаи кишоварзӣ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ метавон дар амалия дар соҳаи ғаллапарварӣ тадбиқ кард.

Дар маҷмӯъ, тадқиқоти гузарондашуда ба анҷом расида маҳсуб шуда, дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии нави муаммои таҳқиқшаванда мебошад. Аз ин рӯ, хулоса намудан мумкин аст, ки

мақсади рисолаи диссертатсионӣ ноил гашта, вазифаҳои дар пешбурди иҷро шудаанд. Ҳамин тавр, рисолаи илмӣ дар мавзӯи Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар минтақаи Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо ва комплексҳои КАС ва хоҷагии қишлоқ) пешниҳод гаштааст, ба талаботи талабшавандаи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯй буда, унвонҷӯ Аминзода Зебо Маҳмадризоро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси мазкур сазовор меҳисобам.

Ӯ дар конференсияҳои донишгоҳи, ҷумҳуриявӣ оид ба кори дисертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ аз ҷумла 3 мақола дар журналҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баровардааст.

Ҳамчун шахсият диссертант Аминзода Зебо Маҳмадризо аз лаҳзаҳои фаъолияти меҳнатиаш худро ҳамчун корманди фаъолу ҷуянда нишон дода, дар корҳои ҷамъиятии факултет, конфронсу чорабиниҳои илмӣ донишгоҳ фаъолона иштирок менамояд.

Донишомӯзӣ, иродаи қавӣ ва рафтору ахлоқи ҳамидаи Аминзода Зебо Маҳмадризоро ба инобат гирифта, бо боварии комил гуфта метавонам, ки ӯ дар оянда ҳамчун мутахассиси намоёни соҳаи иқтисод саҳми арзандаи худро дар рушди ватани азизамон хоҳад гузошт.

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсенти кафедраи молия ва**
**қарзи Донишгоҳи агарарии**
**Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур** **Олимов А.Х.**

Суроға: 734003, ш. Душанбе, хиёбони
Рудакӣ 146.Тел: (+ 992 37) 224 58 00
Olimov-1976@mail.ru, Моб: + 992 917 05 90 90

Имзои н.и.и., дотсент Олимов Аловиддин Хайруллоевичро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур М.А. Тағоева

ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДРҲО
ОТДЕЛ ПРАВОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ И КАДРОВ